**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 14.05.2024-ум, № 15
барои сазовор донистани Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Шарифзода Ёрмухаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1); (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2022-юм, тахти № 89-ум) аз 07-уми марти соли 2024-ум, суратмаҷлиси № 47-ум ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф 12-уми декабри соли 1974-ум дар шаҳри Қурғонтеппаи (ҳозира шаҳри Бохтар) Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 1982-юм ба мактаби миёнаи №3-юми ба номи А.С.Макаренкои шаҳри Қурғонтеппа рафта, онро соли 1992-юм хатм намудааст.

Соли 1992-юм ба факултети филологияи тоҷикии ДДБ ба номи Носири Хусрав дохил шуда, соли 1997-ум аз рӯи ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик ба итмом расонидааст.

Аз моҳи сентябри соли 2010-ум то инҷониб дар кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва неруи рушди инсонии Донишкадаи энергегикии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон ба ҳайси саромӯзгори кафедра фаъолият мебарад.

Солҳои 2018 – 2023-юм ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи адабиёти тоҷики МДТ-и “ДДБ ба номи Носири Хусрав” фаъолият бурдааст.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Наимзода Қудратулло Қаҳҳор,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

**Муқарризони расмӣ: Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Данғара";

**Мирсаидов Баҳромҷон Тоҳирҷонович**, номзади илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи оммавии вилоятии ба номи Тошхоҷа Асирии шаҳри Хуҷанд ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар:** МДТ-и "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти МДТ-и "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" доктори илмҳои филологӣ, профессор Солеҳов Ш.А., эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Элбоев В.Ҷ., котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев А.А. ва имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.Х. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи **«Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX»** ба талаботи бандҳои 31-37-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-уми, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби мукарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони варзидаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ иштироки фаъолона доранд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде ба қалам овардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур робита дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи интишорёфта нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва муҳтавои диссертатсияро таҷассум намуда, саҳми шахсии муаллифро ба субут мерасонанд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Шарифзода Ё.Ш. Вижагиҳои шаклӣ ва мазмунии ғазал-қасидаи “Дар талаби асп”-и Мирзо Ҳайити Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иктисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2019. - №1/2(62). - С.34-37.

[2-М]. Шарифзода Ё.Ш. Мувашшаҳоти Мирзо Ҳайити Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2020. - №1/3(77). - С.37-41.

[3-М]. Шарифзода Ё.Ш., Наимзода Қ.Қ. Ашъори мунташираи Саҳбо дар кутуб ва маҷаллот [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Қ.Қ. Наимзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2022. - №1/2(98). - С.22-27.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[4-М]. Шарифзода Ё.Ш., Муродиён Ҳ.Ғ. Устод Айнӣ ва Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Ҳ.Ғ. Муродиён // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иктисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2018. - №1/2(53). - С. 10-14.

[5-М]. Шарифзода Ё.Ш. Муҳтавои ғазал-қасидаи “Дар талаби асп”-и Мирзо Ҳайити Саҳбо / Ё.Ш. Шарифзода // Материалы международной научно-практической конференции “Развитие гидроэнергетики – развитие Таджикистана” / Бохтар, 20 декабря 2018. – С. 257-259.

[6-М]. Шарифзода Ё.Ш. Шарҳу тафсири зиндагиномаи Мирзо Ҳайити Саҳбо / Ё.Ш. Шарифзода // Материалы международной научно-практической конференции “Развитие энергетики и возможности” / Кушониён, 22 декабря 2020. – С. 88 - 104.

[7-М]. Шарифзода Ё.Ш. Авзони мухаммасот ва дигар анвои шеърҳои Саҳбо / Ё.Ш. Шарифзода // Паёми ДЭТ / Кушониён, 2022. - №1-2. - С. 100 - 106.

[8-М]. Шарифзода Ё.Ш., Наимзода Қ.Қ. Мухаммасоти Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Қ.Қ. Наимзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2022. - №1/3(101). - С.21-27.

[9-М]. Шарифзода Ё.Ш., Наимзода Қ.Қ. Қасоиди Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Қ.Қ. Наимзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2022. - №1/4(104). – С. 34-43.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи маркази илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Шодимуҳаммад Суфизода Зикриёпур** мусбат буда, муқарриз дар баробари зикри дастовардҳои назарраси илмии диссертант се эрод низ қайд намудаст:

1. Дар бархе ҷойи автореферат вожаҳои тавсифии "хушзавқ"(с.3), "ин суханвари мумтоз"(с.3) ва амсоли инҳо ба чашм мехӯранд.

2. Диссертант дар автореферат бархе бобу фаслҳоро ба тариқи ҳуруф ва баъзеро бо арқом овардааст, ки мебоист якнавохт бошанд.

3. Дар кор баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ, монанди "бе тардид" (бетардид с.3), рисолаи "Қубодиён" ("Қубодиён" с. 4) мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

**Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қаландариён Ҳоким низ мусбат буда, дар он ба автореферати диссертатсия се эрод гирифта шудааст:

1. Ҳарчанд аз рӯи унвони диссертатсия чунин ба назар мерасад, ки муаллиф мебоист мақоми Мирзо Ҳайити Саҳборо дар адабиёти тоҷики асрҳои XIX ва ибтидои асри XX муайян намояд, дар автореферат дар бораи мақом ва шуҳрати шоир ба таври хулосавӣ чизе гуфта нашудааст.

2. Барои муайян намудани мақоми шоир дар адабиёти форсии тоҷикии асрҳои XIX-XX бояд аз таҳқиқоти донишмандони тоҷик, чун Мирзоев А., Мирзозода Х., Садриев С., Каримов У. ва ғ., ки корҳояшон ба ҳамин давраи омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик ихтисос ёфтаанд, истифода мешуд.

3. Дар автореферат муаллиф аз истилоҳи "саҳбошиносӣ" истифода намудааст (саҳ.7). Ба фикри инҷониб, пеш аз истифодаи ин истилоҳ бояд корҳои фаровоне дар омӯзишу таҳқиқи эҷодиёту осори шоир таълиф мешуданд ва як ҷараёни алоҳида дар илми адабиётшиносӣ бо ин ном пайдо мешуд. Бо ба назар гирифтани ҳамаи муваффақиятҳо дар баррасии зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Мирзо Ҳайити Саҳбо ва муайян намудани дигар мушкилоти ҳалношудаи омӯзиши ин масъала заминае барои ворид кардани истилоҳи "саҳбошиносӣ" фароҳам меоварад.

**Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **Хӯҷақулов Сироҷиддин Холмаҳматович** низ дар маҷмуъ мусбат буда, дар он ду эрод зикр шудааст:

1. Аз мутолиаи бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ пайдост, ки на ҳамаи пажуҳишҳои роҷеъ ба адабиёти ин давра баанҷомрасида мавриди истифодаи диссертант қарор гирифтаанд.

2. Дар ҷараёни баррасиҳои марбут ба шарҳи ҳоли адиб гоҳо мавриде ба маълумоти осоре ҳам такя мекунад, ки онҳо бештар ҷанбаи бадеӣ доранд. Ба

назари мо дар сурати алоҳида таҳқиқ шудани осори мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Бобомаллаев Илҳом Ҷанобович** низ дар маҷмуъ мусбат буда, дар он се эрод зикр шудааст:

1.Дар корҳои илмӣ-таҳқиқӣ матлаб ва андешаи баёншуда бояд дақиқ ва мушаххас ифода ёбанд. Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо чунин мушаххасот аз мадди назари муаллиф дур мондааст. Масалан, дар саҳифаи 8-уми автореферат чунин ҷумлаҳо ба чашм мерасанд: «Муаллиф дар тули солҳои ба ҳайси унвонҷӯ фаъолият карданаш беш аз 5 сол ба омӯзиши рӯзгор ва осори Саҳбо машғул шуда, инчунин перомуни рӯзгор ва осори шоир бештар аз 10 мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст». Дар ҳамин саҳифа дар бахши «Интишори натиҷаҳои диссертатсия» ва дар охири автореферат теъдоди мақолаҳои муаллиф 9 адад нишон дода шудааст, ки нодуруст ифода ёфтани матлабро иқтибоси овардашуда собит мекунанд. Илова бар ин, дар ифодаҳои «беш аз 5 сол» ва «бештар аз 10 мақолаҳои илмӣ» калимаҳои «беш» ва «бештар» барзиёд буда, боиси заъфи баён шудаанд.

2. Баъзан дар автореферати диссертатсия баёни андеша ва ифодаи матолиб аз забони шахси дуюм сурат гирифта, мутаассифона, чунин тарзи баён дар корҳои илмӣ-таҳқиқии дигар довталабони дараҷаҳои илмӣ низ ба назар мерасад. Ба ҳукми далел чанд намунаро аз автореферати мавриди назар нишон додан мумкин аст: «муаллиф назди худ баррасии чунин вазифаҳоро мегузорад», «маҳсули пажӯҳиши шахсии муаллиф буда», «муаллифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст» ва ғайра.

3. Боби 3-юми диссертатсия, ки «Хусусиятҳои сабкӣ ва поэтикии ашъори Саҳбо» унвон дорад, «Поэтикии ашъори Саҳбо» номгузорӣ мегардид, беҳтар буд. Аслан, истилоҳи поэтика мафҳуми фарогир буда, ҳамаи масъалаҳои дар ин боб таҳқиқшударо фаро гирифта метавонад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

–Диссертант Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф тавассути ба кор гирифтани назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъруф ба пажуҳишу баррасии зиндагинома ва мероси адабӣ, вежагиҳои сабкиву поэтикии ашъори Мирзо Ҳайити Саҳбо пардохта, таҳқиқоти арзишмандеро дар адабиётшиносии тоҷик **ба анҷом расонидааст;**

–таҳқиқи диссертатсионӣ бар пояи мероси адабии шоир, ки нусхаи ягонаи он дар захираи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи ба номи Ҳамид Сулаймонови АИ Узбекистон таҳти рақами 1982-юм маҳфуз аст, инчунин мунтахаби ашъори

шоир, ки бо номи “Соғари Саҳбо” ба кӯшиши адабиётшиноси тоҷик Ҳасани Муродиён ба нашр расидааст, ҷараён гирифта, мероси адабии шоир мутобиқи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудааст.**

–вежагиҳои сабкиву мавзуӣ ва поэтикии ашъори шоир **баррасӣ гардида**, мақоми Мирзо Ҳайити Саҳбо дар адабиёти тоҷики нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои қарни XX **муайян карда шудааст;**

–дар ҷараёни таҳқиқот муҳимтарин шеваҳои истифодаи авзони шеърӣ дар ғазалиёт, мухаммасоту дигар анвои шеърии таркиби мероси адабии шоир баррасӣ шуда, авзони пуркорбурд дар эҷодиёти Саҳбо **коркард ва муайян карда шудаанд**;

–шеваҳои шоиронаи корбурди қофия ва радиф, навпардозиҳои шоирона дар онҳо, саноеи бадеӣ ва таъсири истифодаи шоиронаи онҳо дар ашъори суханвар, сабкшиносии анвои шеърӣ, бозтоби вежагиҳои сабки ҳиндӣ ва таъсирпазирии Саҳбо аз тарзи сухани Бедил ва шоирони дигар **таҳқиқу баррасӣ ёфтаанд**.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** он барои омӯзишу пажуҳиши масъалаҳои камомӯхтаи адабиёти классикии тоҷик дар мисоли зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Мирзо Ҳайити Саҳбо мусоидат карда, боиси равшанӣ андохтан ба доираи адабии Бухоро дар нимаи дувуми садаи XIX ва ибтидои садаи XX мегардад. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи масъалаи мавриди назар дар адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик дорои аҳамият буда, бар асоси хулосаву натиҷаҳои бадастомада метавон силсилаи корҳои дигаре ба анҷом расонид, ки моҳиятан дар шинохти масоили сабкшиносӣ ва поэтика қобили аҳамият мебошад.

Ҳангоми таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии донишмандону коршиносони маъруфи ватанию бурунмарзӣ, аз ҷумла И. С. Брагинский, С. Айнӣ, С. Табаров, М. Шакурӣ, Х. Шарифзода, Р. Мусулмониён, У. Тоиров, Х. Асозода, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, М. Раҷабӣ, М.Муллоаҳмад, Н. Салимӣ, М.Мирзоюнус, Н. Сайфиев, Ҳ. Муродиён, С. Хӯҷақулов ва дигарон истифода шуда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия бо назардошти таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни ашъори Мирзо Ҳайити Саҳбо ва бар пояи гузориши масъалаҳои мушаххас аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, матншиносӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори асари бадеӣ ва дастовардҳои навини адабиётшиносии муосири тоҷик ва ҷаҳон истифода шудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаву хулосаҳои аз масоили баррасишаванда ҳосилшударо метавон дар таҳқиқу баррасии фазои адабии нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX, сабкшиносӣ ва поэтикаи шеъри классикӣ ва муосир, инчунин ба сифати яке аз манобеи муҳим дар омӯзиши курси таърихи адабиёти тоҷик ва курсҳои махсуси ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони хориҷию ватанӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ба таври куллӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти аснод ва маълумоти манзуршуда мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои пажуҳиш, теъдод ва ҳаҷми интишорот ва гузиниши усулҳои таҳқиқ равшан мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ манзур гардидаанд, ки аз эътимодбахшии ҳосили пажуҳиш паём мерасонанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи маърифат ва шинохти дурусти масъалаҳои меҳварии дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии он, муқарраароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, истиқлоли афкор ва нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ муқаррар мекунад.

Муаллиф дар тули солҳои ба ҳайси унвонҷӯ фаъолият карданаш беш аз 5 сол ба омӯзиши рӯзгор ва осори Саҳбо машғул шуда, инчунин перомуни рӯзгор ва осори шоир 9 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст. Муаллифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст, то дар мисоли эҷодиёти Мирзо Ҳайити Саҳбо оид ба масоили марбут бар жанрҳои шеъри суннатӣ ва махсусиятҳои сабкӣ ва поэтикии онҳо андешаҳои илмии хешро иброз намояд.

Кулли натиҷаҳои аз диссертатсия ҳосилшуда маҳсули пажуҳиши шахсии муаллиф буда, мақолаҳои батабъьрасонидаи ӯ мазмуни диссертатсия ва нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшавандаро фаро гирифта, саҳми шахсияшаро дар таҳқиқи мавзуъ ба таври барҷаста муқаррар месозанд.

Дар ҷаласаи Шурои 6D.КОА-037-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 14 -уми майи соли 2024-ум дар бораи сазовор донистани Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 14 нафар(1 нафар ба тариқи онлайн), аз ҷумла 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.00. - Адабиётшиносӣ(10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар (1 нафар ба тариқи онлайн) иштирок намуд. Аз 14 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 13 нафар(1 нафар ба тирици онлайн), муқобил – 1 нафар, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** Ҳасанзода Абдуҷамол

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ** Шарипова Муътабар

14 .05.2024-ум.